# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) пешниҳод шудааст

1. Ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба раванди таълим яке аз хусусиятҳои рушди маориф дар шароити муосир маҳсуб ёфта, маҳз истифодаи онҳо омили муҳими рушди давлату ҷомеа ва беҳтар шудани сифати таълим баррасӣ карда мешавад. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим ба ташаккули салоҳиятҳои насли наврас аз ҳама бештар мусоидат менамояд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба хонандагон имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии худро тақвият диҳанд, корҳои мустақилонаро бо сифати баланд иҷро намоянд ва умуман фаъолияти таълимии худро самаранок гардонанд. Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои мухталифи хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ салоҳиятнокии хонандагон дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативӣ нақш ва мавқеи муҳим дорад.

Муаллифи таҳқиқот дуруст таъкид менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон ворид ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар барномаҳои миллӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ таҷассум ёфта, дар ин ҳуҷҷатҳо мақсади асосии маориф рушди ҳаматарафаи қобилияти зеҳнӣ тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ муайян гардидааст. Вазифаи омӯзгор бошад баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати тайёр намудани мутахассисони босалоҳият, баландихтисос, рақобатпазир, ки ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқанд, ба ҳисоб меравад.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз доштааст, ки масъалаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он ба

таври кофӣ таҳқиқ нашуда, дурнамо ва аҳамияти истифодаи онҳо дар аксарияти ҳолатҳо аз доираи таҳқиқотҳои педагогӣ берун мондаанд, ки дар воқеъ вазъият дар ин самт чунин аст. Зеро таҳлили ворид намудан ба ҷараёни таълим ва мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чунин вориднамоӣ ва истифодабарӣ дар аксарияти ҳолатҳо ба таври эҳтимолӣ сурат мегирад ва асоси ягонаи назариявӣ-методологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ то ба имрӯз мавҷуд нест.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш кардааст, ки ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта, асосҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони муассисаҳои таълимиро ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таҳқиқ намояд.

Андешаву мулоҳизаҳои дар фавқ ироашуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи унвонҷӯ дар шароити муосир барои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ниҳоят муҳим ва саривақтӣ буда, метавонад дар амри иҷрои тааботи барномаҳои давлатии рушди маориф дар ин самт ба қадри имкон саҳмгузорӣ ва мусоидат кунад.

2. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаҳои васеи шуъбаи мазкур аз 17.03.2022, №03 ва қарори ҷаласаи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳ аз 19.05.2022, №06 муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар хулосаҳои шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди омӯзишу таҳлил озмоишқарор дода шуда, аз он ҷумла, омилҳо, шароитҳо ва технологияҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо

истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, роҳҳои такмили методҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон муайян карда шудааст, ҷанбаҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим асоснок карда шуда, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ба таври маҷмуӣ амалан баҳогузорӣ шудааст, нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок гардида, маҷмуи роҳҳо ва воситаҳои ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии хонандагон дар раванди таълим, ки ба рушди самараноки салоҳиятнокии хонандагон мусоидат менамоянд, коркард шудаанд.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим дар шароити муосир заминаҳои мусоид фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи илмию педагогӣ, ташхисӣ ва методиеро, ки барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо истифода аз ТИК заруранд, метавонанд омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф истифода баранд.

4. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот): *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии шуъбаҳои Пажуҳишгоҳи мазкур муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 5 мақолаи илмӣ, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи фехристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

6. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

8. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Мирзоев Абдулазиз Раҷабович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва – Каримзода Шавкат, номзади илмҳои педагогӣ, директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе таъин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Мухаметов Г.Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.
номзади илмҳои педагогӣ — Туронов С.

28.10.2023

*"Имзои Г.Б. Мухаметов, М.Б. Каримзода ва С.Ш. Туроновро тасдиқ мекунам"*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ — М. Саидова